# Ҳар касе дӯст дорад, ки Худованд ӯро аз сахтиҳои рӯзи қиёмат наҷот диҳад, пас бояд ба қарздори тангдаст сабукӣ диҳад ё қарзашро бубахшад

Аз Абуқатода (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки ӯ қарздоре дошт, ки худро аз ӯ пинҳон карда буд. Баъдан ӯро пайдо кард ва он шахс гуфт: Ман тангдаст ҳастам. Абуқатода гуфт: Ба номи Аллоҳ? (рост мегӯй)? Гуфт: Ба номи Аллоҳ. Абуқатода гуфт: Зеро ман аз Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунидам, ки мефармуд: "Ҳар касе дӯст дорад, ки Худованд ӯро аз сахтиҳои рӯзи қиёмат наҷот диҳад, пас бояд ба қарздори тангдаст сабукӣ диҳад ё қарзашро бубахшад."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Абуқатодаи Ансорӣ (разияллоҳу анҳу) дар ҷустуҷӯи қарздоре буд, ки аз ӯ пинҳон шуда буд. Ӯро пайдо кард. Қарздор гуфт: Ман тангдаст ҳастам ва барои адои қарзи ту моле надорам. Абуқатода (разияллоҳу анҳу) ӯро ба номи Худо савганд дод, ки оё воқеан ҳеҷ моле надорад? Ӯ ба номи Худо савганд хӯрд, ки рост мегӯяд ва ягон моле барои баргардонидани қарз надорад. Абуқатода (разияллоҳу анҳу) гуфт, ки ӯ аз Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунидааст: Ҳар касе хушҳол мешавад ва мехоҳад Худованд ӯро аз сахтиву тарсу ҳароси рӯзи қиёмат наҷот диҳад, бояд ба қарздори тангдаст осонӣ кунад, ё муҳлат диҳад, ё қисме аз қарзро бахшад, ё комилан аз он гузарад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4195